Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ дар мавзуи «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2025).**

Сохтори судӣ дорои аҳамияти бузурги ҷамъиятӣ буда, аз ин рӯ, ҳамеша муҳим арзёбӣ мегардад. Воқеан ҳам чандин ҳазорсолаҳо пеш ва то ҳол башарият ба саволҳои гуногуни ҳаётӣ, аз ҷумла ба чунин саволҳои ҷиддӣ, аз қабили, барои бунёди суди одилона ва ба талаботи замон ҷавобгӯ бо кадом роҳ мустақилияти воқеӣ ва дахлнопазирии ҳокимияти судиро метавон таъмин намуд, посух меҷӯяд. Дар ҳар давраи таърихӣ мустақилияти ҳокимияти судӣ бо роҳҳои гуногун ҳал мешуданд. Ба ҳар ҳол самаранокии чораҳои пешниҳодгардида доимӣ нестанд, чунки тағйироти ҳаёти ҷамъиятӣ ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли масъалаи зеринро уҳдадор мекунад.

Ислоҳоти судӣ дар ҶТ аз соли 1991 оғоз шуда буд ва аллакай корҳои зиёде дар ин самт анҷом дода шудаанд. Соли 1994 Конститутсияи ҶТ қабул гардида, дар он ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлат муайян шуд, ки дар таъмини адолати иҷтимоӣ, таҳкими қонуният ва рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд нақши муҳим гузошт. Дар даврони соҳибистиқлололии кишвар дар самти ташкилу таҳкими ҳокимияти судӣ, таъмини қонуният ва адолати судӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шуданд.

Дар Паёми Пешвои миллат аз 22 декабри соли 2023 таъкид гардид: «Бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои ин муносибатҳо зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад. Бинобар ин, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти

кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо тадбирҳои муассир андешанд».

Ислоҳоти судӣ аз ҷониби илмҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор дода шуда метавонад, аз ҷумла назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат. Мақомоти судӣ бо чунин масоили умуминазариявӣ, ба мисли тақсимоти ҳокимият, низоми боздошт ва мувозина, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, такмили дастгоҳи давлатӣ, иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат, инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, шаклу усулҳои фаъолияти давлатҳо ва ғ. алоқаманд аст.

Бо дарназардошти асосҳои мазкур мавзуи таҳқиқоти Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз мавзуҳои мубрам ва то имрӯз ба таври кулливу ҷузъи таҳқиқнашуда дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқи Ҷумхурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Аз матни автореферати диссертатсия бармеояд, ки мавзуъ ба таври мантиқӣ ба муқаддима, 2 бобу 6 зербобҳо, хулоса, руйхати сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ, интишороти муаллиф дар мавзуи таҳқиқот тақсим гардида, дар ҳар як боби минбаъда паҳлуҳои нави мавзуи илмиро таҳлилу баррасӣ менамояд.

Аз ҷиҳати методологӣ унвонҷӯ аз санадҳои меъёриву ҳуқуқии на танҳо Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳо - сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ, балки аз қонунгузории амалкунандаи кишварҳои хориҷӣ фаровон истифода бурдааст. Дар заминаи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқии кишварҳои гуногун тавонистааст муайян намояд, ки ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон баробари эълон гаштани Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи кишвар оғоз гардид, ки самти рушду пешрафти адолати судиро дар кишвар мушаххас гардонид. Меҳвари ислоҳоти судию ҳуқуқиро дар Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил дод. Тавассути меъёрҳои конститутсионӣ принсипҳои адолати судӣ шакли расмӣ гирифтанд ва хусусияти умумиҳатмӣ пайдо карданд ва амалӣ гаштани онҳо минбаъд ҳам зарурияти такмил дода шудани фаъолияти тамоми мақомоти ваколатдори давлатӣ, амалҳои мурофиавиву судиро талаб мекунад, ки ҳадафи ислоҳоти судию ҳуқуқиро дар Тоҷикистон ифода мекунанд.

Истифодаи усулҳои умумиилмиву усулҳои хусусии ҳуқуқӣ асос барои хулосаҳои илмӣ ва объективона гаштаанд. Унвонҷӯ аз адабиёти илмии таърихӣ ва муосир низ ба тарзи васеъ ва моҳирона истифода

бурдааст, ки он заминаи ба таври муътамад барои анҷом додани таҳқиқоти илмии пурарзиш имконият фароҳам овардааст.

Мирзозода Мавлудахон навгониҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври мушаххас ва содда баён намуда, илман асоснок намудааст. Ҷиҳати фарқкунандаи диссертатсияи ҳимояшаванда дар он аст, ки аксарияти мафҳумҳо аз ҷониби унвонҷӯ муайян карда шуда, аз ҷониби муаллиф таъриф дода шудаанд. Аксарияти навгониҳои диссертатсия дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон нав буда, лоиқи дастгирӣ мебошанд. Ҷиҳати мусбии кор дар он низ мушоҳида мешавад, ки ба як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузории амалкунанда пешниҳодҳо ироа шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ навгониҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки ҳамчун навгонӣ метавон онҳоро низ пешниҳод намуд. Инчунин, дар диссертатсия муаллифро зарур буд, ки баррасии масъалаи муқоисаи илмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои ислоҳоти судӣ-хукукии кишварҳои гуногунро мавриди баррасии муфассал қарор медод. Омӯзиши ин амалия метавонад барои самаранок истифода бурдани таҷрибаи дигар кишварҳо хизмат намояд.

Албатта, масъалаи мазкур ба арзиши баланди таҳқиқот таъсиргузор нест. Диссертатсияи илмиро мо ҳамчун таҳқиқоти комплексӣ ва анҷомёфта баҳо дода, муаллифи он Мирзозода Мавлудахон Зайниро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мешуморем.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
**Маҳмудзода М.А**

Имзои муқарризро метасдиқам:
Нозири калон оид ба кадри ИФСҲ АМИТ
**Абдураҳмонзода Б.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел: + 992 37 221 50 83, Факс: + 992 37 221 71 00

11.02.25